**КОНВЕНСИЯИ ЮНЕСКО ОИД БА ҲИФЗИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ ҒАЙРИМОДДӢ**

**Париж, 17 октябри соли 2003**

**Конвенсияи ЮНЕСКО**
**оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ**

Конференсияи генералии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг, ки минбаъд ЮНЕСКО номида мешавад, дар Париж аз 29 сентябр то 17 октябри соли 2003 дар иҷлосияи сию дуюми худ ҷамъ омада,

санадҳои мавҷудаи байналмилалии ҳуқуқӣ дар бораи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948, Аҳдномаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз соли 1966 ва Аҳдномаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 –ро ба асос гирифта,

аҳамияти муҳим доштани мероси ғайримоддии фарҳангиро ба сифати озмоиши гуногунрангии фарҳангӣ ва кафолати рушди устувор, ки дар Тавсияномаи ЮНЕСКО дар бораи ҳифзи фолклор аз соли 1989, Эъломияи умумии ЮНЕСКО дар бораи гуногунрангии фарҳангӣ аз соли 2001 ва Эъломияи Стамбул аз соли 2002 таъкид гардида, дар мулоқоти сеюм дар мизи мудаввари вазирони фарҳанг қабул шудааст, ба инобат гирифта,

бо дарназардошти ба ҳам вобаста будани мероси ғайримоддии фарҳангӣ ва мероси моддӣ ва табиии фарҳангӣ,

равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти иҷтимоиро, ки барои барқарор намудани муколама байни ҷомеаҳо шароит фароҳам оварда, дар баробари ин ҳамчун зуҳуроти таҳаммулнопазир, манбаи таҳдиди ҷиддии таназзул, нобудшавӣ ва харобшавӣ маҳсуб ёфта, мероси ғайримоддии фарҳангиро, аз ҷумла дар натиҷаи норасоии маблағ барои ҳифзи чунин мерос фаро гирифтааст, эътироф намуда,

саъю кӯшиши ҳамагон барои таъмини ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангии инсоният ва нигаронии нисбат ба он доштаи оммаро дарк намуда,

бо эътирофи он, ки иттиҳодҳо, аз ҷумла иттиҳодҳои таҳҷоӣ, гуруҳҳо ва, дар баъзе ҳолатҳо, шахсони алоҳида дар бунёд кардан, ҳифз намудан, нигоҳ доштан ва аз нав ба вуҷуд овардани мероси фарҳангии ғайримоддӣ нақши бузург мебозанд, боин роҳ гуногунии фарҳангиро ғанӣ мегардонанд ва ба эҷодиёти инсон мусоидат намуда,

аҳамияти бузург доштани фаъолияти ЮНЕСКО-ро дар таҳияи санадҳои меъёрии ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, аз ҷумла Конвенсия дар бораи ҳифзи мероси умумиҷаҳонӣ ва табиӣ аз соли 1972, қайд карда,

дар айни замон ягон эътибори ҳатмӣ надоштани санади бисёрҷонибаи ҳуқуқиро, ки ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ дахл дорад, таъкид намуда,

ба таври самарабахш бо муқаррароти нав ғанӣ гардонидан ва такмил додани созишномаҳо, тавсияномаҳо ва қарордодҳо дар бораи мероси фарҳангӣ ва табиии ба мероси ғайримоддии фарҳангӣ дахлдоштаро зарур шуморида,

бо дарназардошти зарурати нисбатан дарки амиқи муҳим будани мероси ғайримоддии фарҳангӣ ва ҳифзи он, бахусус дар байни наслҳои ҷавон,

мусоидат дар рӯҳияи ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобилаи ҷомеаи байналмилалӣ дар якҷоягӣ бо давлатҳои аъзои Конвенсияи мазкур ба ҳифзи чунин меросро ба назар гирифта,

дар бораи барномаҳои ЮНЕСКО оид ба мероси ғайримоддии фарҳангӣ, аз ҷумла эълон намудани шоҳкориҳои мероси шифоҳӣ ва ғайримоддии инсониятро зикр намуда,

неақши беназири мероси ғайримоддии фарҳангиро ба сифати омили ба наздикшавӣ, мубодилаи афкор ва якдигарфаҳмӣ байни инсонҳо ба инобат гирифта,

Конвенсияи мазкурро 17-уми октябри соли 2003 қабул менамояд.

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## Моддаи 1-Мақсади Конвенсия

Мақсадҳои Конвенсияи мазкур инҳоянд:

a) ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ;
b) эҳтироми мероси ғайримоддии фарҳангии ҷомеаҳо, гурӯҳҳои дахлдор ва шахсони алоҳида;
c) ҷалби таваҷҷӯҳ дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ оид ба муҳим будани мероси ғайримоддии фарҳангӣ ва эътирофи мутақобилаи он;
d) ҳамкорӣ ва кӯмаки байналмилалӣ.

## Моддаи 2- Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Конвенсияи мазкур:

1. «Мероси ғайримоддии фарҳангӣ» урфу одат, шаклҳои тасаввурот ва ифода, дониш ва малака, инчунин воситаҳо, ашё, маҳсул ва фазои фарҳангии эътирофнамудаи ҷомеаҳо, гурӯҳҳо ва др баъзе ҳолатҳо аз ҷониби шахсони алоҳида ба сифати қисми мероси фарҳангии онҳоро мефаҳмонад. Чунин мероси ғайримоддии фарҳангии аз насл ба насл гузаранда, аз тарафи ҷомеаҳо ва гурӯҳҳо вобаста ба муҳити зист, таъсири мутақобилаи онҳо бо табиат ва таърихи онҳо барқарор шуда, дар онҳо эҳсоси ба худ хос ва ворисиро ташаккул дода, дар натиҷа ба эҳтироми гуногунрангии фарҳангӣ ва эҷодиёти инсон мусоидат мекунад. Барои мақсадҳои Конвенсияи мазкур танҳо он мероси ғайримоддии фарҳангӣ ба

инобат гирифта мешавад, ки ба санадҳои мавҷудаи байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва талаботи эҳтироми мутақобила байни ҷомеаҳо, гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида, инчунин рушди устувор мутобиқ гардонда мешаванд.

2. «Мероси ғайримоддии фарҳангӣ», чи тавре он дар банди 1 муайян гардидааст, дар соҳаҳои зерин аён мегардад:

a) анъанаҳои шифоҳӣ ва воситаҳои ифода, аз ҷумла забон ба сифати дорандаи мероси ғайримоддии фарҳангӣ;
b) санъатҳои иҷрокунандагӣ;
c) урфу одат, маросимҳо ва ҷашнҳо;
d) донишҳо ва урфу одат, ки ба табиат ва сайёра мансубанд;
e) донишҳо ва малакаҳое, ки ба ҳунарҳои анъанавӣ мансубанд.

3. «Ҳифз» андешидани тадбирҳоро бо мақсади таъмини фаъолияти мероси ғайримоддии фарҳангӣ, аз ҷумла мушаххасгардонӣ, ҳуҷҷатнок гардондан, тадқиқот, ҳифз, нигаҳдорӣ, тарғиботи он, баланд бардоштани нақши он, интиқоли он, асосан ба воситаи таъсиси расмӣ ва ғайрирасмӣ, инчунин азнавсозии ҷанбаҳои нави чунин меросро мефаҳмонад.

4. «Давлатҳои аъзо» давлатҳоеро мефаҳмонад, ки ба Конвенсияи мазкур алоқаманд буда, нисбати онҳо Конвенсия эътибор дорад.

5. Конвенсияи мазкур дар шакли *mutatis mutandis* нисбати ҳудуде, ки дар моддаи 33 нишон дода шудааст ва бо шартҳои муайянамудаи ин мода аъзои он мегарданд, татбиқ карда мешавад. Вобаста ба ин ифодаи «давлатҳои аъзо» инчунин нисбати ҳамин ҳудуд дахл дорад.

**Моддаи 3- Иртибот бо санадҳои дигари ҳуқуқии байналмилалӣ**

Ягон мафҳуми Конвенсияи мазкур наметавонад ба сурати зайл маънидод карда шавад:

a) ҳамчун тағйирдиҳандаи мақом ё пасткунандаи дараҷаи ҳифзи сарватҳое, ки дар чаҳорчӯбаи Конвенсия дар бораи ҳифзи мероси фарҳангӣ ва табиӣ аз соли 1972 мероси умумиҷаҳонӣ эътироф гардидаанд ва бо онҳо ин ва ё он унсури мероси ғайримоддии фарҳангӣ алоқаманд аст; ё
b) ҳамчун дахолаткунанда ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои давлатҳои аъзо, ки аз ҳама гуна санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ бармеоянд ва ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ё ба истифодаи захираҳои биологӣ ва экологӣ, ки онҳо иштирокчиёнашон мебошанд, мансубанд.

## II. МАҚОМОТИ КОНВЕНСИЯ

**Моддаи 4-Ассамблеяи генералии давлатҳои аъзо**

Тибқи Конвенсияи мазкур Ассамблеяи генералии давлатҳои аъзо таъсис дода мешавад, ки минбаъд «Ассамблеяи генералӣ» номида мешавад. Ассамблеяи генералӣ мақоми кулли Конвенсияи мазкур мебошад.

1. Ассамблеяи генералӣ дар иҷлосияҳои навбатӣ дар ду сол як маротиба ҷамъ мегардад. Он метавонад дар иҷлосияҳои ғайринавбатӣ ҷамъ ояд, агар бо хоҳиши Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ, ё бо хоҳиши на камтар аз сеяки давлатҳои аъзо чунин қарор қабул кунад.

2. Ассамблеяи генералӣ Қоидаҳои расмиёти худро қабул мекунад.

**Моддаи 5 - Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ**

1. Тибқи Конвенсияи мазкур дар назди ЮНЕСКО Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ таъсис дода мешавад, ки минбаъд «Кумита» номида мешавад. Кумита аз намояндагони 18 давлати аъзо иборат мебошад, ки аз ҷониби давлатҳои аъзои дар Ассамблеяи генералӣ ҷамъомада, пас аз эътибор пайдо кардани Конвенсияи мазкур мутобиқи моддаи 34 интихоб гардидаанд.

2. Шумораи давлатҳои аъзои ин Кумита то ба 24-то зиёд мегардад, дар ҳоле ки шумораи давлатҳои аъзои Конвенсия ба 50-то мерасад.

**Моддаи 6- Интихобот ва мӯҳлати ваколати давлатҳои аъзои Кумита**

1. Интихоботи давлатҳои аъзои Кумита мутобиқи принсипҳои тақсимоти боадолати ҷуғрофӣ ва ротатсияи одилона сурат мегирад.

2. Давлатҳои аъзои Кумита ба мӯҳлати дар чор сол як маротиба аз ҷониби давлатҳои аъзои Конвенсия, ки дар Ассамблеяи генералӣ ҷамъ омадаанд, интихоб мегарданд.

3. Аммо мӯҳлати ваколатҳои нисфи давлатҳои аъзои Кумита, ки дар рафти интихоботи якум интихоб гардидаанд, ду солро ташкил медиҳад. Ин давлатҳо аз рӯи қуръа дар ҷараёни интихоботи якум муайян карда мешаванд.

4. Дар ҳар ду сол Ассамблеяи генералӣ ҳайати давлатҳои аъзои Кумитаро нав менамояд.

5. Он низ чунин теъдоди давлатҳои аъзои Кумитаро, ки барои пур намудани ҷойҳои холӣ заруранд, интихоб менамояд.

6. Давлати аъзои Кумита наметавонад дар ду мӯҳлати ваколат интихоб гардад.

7. Давлатҳои аъзои Кумита ба сифати намояндагони худ шахсонеро интихоб менамоянд, ки дар соҳаҳои мероси ғайримоддии фарҳангӣ салоҳият доранд.

**Моддаи 7- Вазифаҳои Кумита**

Бе маҳдуд намудани ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи Конвенсияи мазкур, вазифаҳои конвенсия инҳоро дар бар мегирад:

a) мусоидат ба ноилшавӣ ба мақсадҳои конвенсия, ҳавасмандгардонӣ ва таъмини мониторинги иҷрои он;

b) додани машваратҳо оид ба таҷрибаи пешқадам ва омодасозии тавсияҳо дар бораи тадбирҳо оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ;

c) таҳия ва пешниҳод ҷиҳати тасдиқ ба ассамблеяи генералӣ лоиҳаи нақшаи истифодаи маблағҳои фонд мутобиқи моддаи 25;

d) ҷустуҷӯ намудани роҳҳои афзоиши захираҳои фонд ва бо ин мақсад қабул намудани чораҳои зарурӣ тибқи моддаи 25;

e) таҳия ва пешниҳод ба тасдиқи Ассамблеяи генералӣ барои роҳбарии самарабахш оид ба иҷрои Конвенсия;

f) баррасии гузоришҳои давлатҳои аъзо ва хулосабарории онҳо барои Ассамблеяи генералӣ;

g) баррасии дархостҳои аз ҷониби давлатҳои аъзо пешниҳодшаванда ва қабули қарорҳо мутобиқи меъёрҳои холисонаи таҳиянамудаи Кумита ва тасдиқкардаи Ассамблеяи генералӣ, ки ба инҳо дахл доранд:

i. ба рӯйхат дохил намудан ва интихоби пешниҳодҳои дар моддаҳои 16, 17 ва 18 зикршуда;
ii. пешниҳоди кӯмаки байналмилалӣ мутобиқи моддаи 22.

**Моддаи 8-Усулҳои кори Кумита**

1. Кумита ба Ассамблеяи генералӣ ҳисобот медиҳад. Он ба Ассамблеяи генералӣ гузоришҳородб фаъолияти худ ва қарорҳои қабулнамудааш пешниҳод мекунад.

2. Кумита Қоидаҳои расмиёти худро бо ҷонибдории аксарият, ки аз се ду ҳиссаи аъзои онро ташкил медиҳад, қабул менамояд.

3. Кумита метавонад муваққатан мақомоти махсуси машваратӣ, ки барои иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда зарур мешуморад, таъсис диҳад.

4. Кумита метавонад дар ҷаласаҳои худ ҳар гуна мақомоти давлатӣ ва хусусӣ, инчунин ҳама гуна шахсони алоҳидаро, ки дорои салоҳияти эътирофгардида дар соҳаи мероси ғайримоддии фарҳангӣ мебошанд, даъват созад.

**Моддаи 9- Намояндагии созмонҳои машваратӣ**

1. Кумита ба баррасии Ассамблеяи генералӣ пешниҳодотро дар бораи намояндагӣ кардани ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ки дорои салоҳияти эътирофгардида дар соҳаи мероси ғайримоддии фарҳангӣ мебошанд, пешниҳод менамояд. Нисбати Кумита ин ташкилотҳо вазифаҳои машваратиро анҷом медиҳанд.

2. Кумита ба баррасии Ассамблеяи генералӣ инчунин пешниҳодотро дар бораи меъёрҳо ва шароити намояндагии мазкур пешниҳод месозад.

**Моддаи 10-Котибот**

1. Котиботи ЮНЕСКО ба Кумита кӯмак мерасонад.
2. Котибот ҳуҷҷатҳоро барои Ассамблеяи генералӣ ва Кумита, инчунин лоиҳаҳои рӯзномаҳои ҷаласаҳои онҳоро таҳия намуда, иҷрои қарорҳои қабулнамудаи онҳоро таъмин месозад.

## III. ҲИФЗИ МЕРОСИ ҒАЙРИМОДДИИ ФАРҲАНГӢ ДАР САТҲИ МИЛЛӢ

**Моддаи 11- Нақши давлатҳои аъзо**

Ба ҳар кадоме аз давлатҳои аъзо зарур аст, ки:

a) Барои таъмини ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ, ки дар қаламрави он қарор дорад, чораҳои зарурӣ андешад;
b) Дар доираи чораҳо оид ба ҳифз, ки дар банди 3 моддаи 2, зикр шудаанд, мушаххас ва муайян намудани унсурҳои гуногуни мероси ғайримоддии фарҳангӣ, ки дар қаламрави он мавҷуд аст, бо иштироки ҷомеаҳо, гурӯҳҳо ва ташкилотҳои дахлдори ғайриҳукуматӣ.

**Моддаи 12-Номгӯ**

1. Барои таъмини мушаххасгардонӣ бо мақсади ҳифз ҳар як давлати аъзо бо дарназардошти вазъи баамаломада як ва ё якчанд номгӯи мероси ғайримоддии фарҳангии дар қаламрави он мавҷудбударо тартиб медиҳад. Чунин номгӯ бояд мунтазам аз нав карда шавад.
2. Ҳангоми пешниҳоди гузориш ба Кумита мувофиқи моддаи 29, ҳар як давлати аъзо оид ба ин номгӯ иттилооти дахлдор медиҳад.

**Моддаи 13-Чораҳои дигари ҳифз**

Барои таъмини ҳифз, Рушд ва баланд бардоштани нақши мероси ғайримоддии фарҳангӣ, ки дар қаламрави он қарор дорад, ҳар як давлати аъзо саъю кӯшиш менамояд, ки:

a) қабули сиёсати ягонае, ки ба баланд бардоштани нақши мероси ғайримоддии фарҳангӣ дар ҷамъият ва дохил намудани ҳифзи ин мерос ба барномаи банақшагирӣ нигаронида шудааст;

b) муайянсозӣ ё ташкили як ё якчанд мақомоти салоҳиятдор оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ, ки дар қаламрви он қарор дорад;
c) мусоидат ба тадқиқоти илмӣ, техникӣ ва санъатшиносӣ, инчунин таҳияи усулҳои илмию тадқиқотӣ бо мақсади ҳифзи самарабахши мероси ғайримоддии фарҳангӣ, аз ҷумла мероси ғайримоддии фарҳангии зери хатар қарордошта;
d) қабули чораҳои дахлдори ҳуқуқӣ, техникӣ, маъмурӣва молиявӣ, ки ба инҳо равона гардидаанд:
   i) мусоидат ба ташкил ё таҳкими муассисаҳо оид ба тарбияи кадрҳо дар соҳаи дар соҳаи идораи мероси ғайримоддии фарҳангӣ, инчунин интиқоли ин мерос тавассути форумҳо ва фазои барои пешниҳод ва ифодаи он таъингардида;
   ii) таъмини дастрасӣ ба мероси ғайримоддии фарҳангӣ бо риояи амалияи қабулгардида, ки тартиби дастрасиро ба ин ё он ҷанбаи чунин мерос муайян мекунад;
   iii) ташкили муассисае, ки ба ҳуҷҷатгузорӣ оид ба мероси ғайримоддии фарҳангӣ ва осонгардонии дастрасӣ ба он машғул аст.

**Моддаи 14-Маориф, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷамъият ва таҳкими иқтидорҳо**

Ҳар як давлати аъзо, тамоми воситаҳои дар ихтиёраш қарор доштаро истифода бурда, саъю кӯшиши худро равона месозад ба:

a) таъмини эътироф, эҳтиром ва баланд бардоштани нақши мероси ғайримоддии фарҳангӣ дар ҷамъият, аз ҷумла ба воситаи:
   i) барномаҳо дар соҳаи маориф, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва иттилоотонии ҷамъият, аз ҷумла ҷавонон;
   ii) барномаҳои мушаххас дар соҳаи маориф ва тарбияи кадрҳо, ки барои ҷомеаҳо ва гурӯҳҳои гуногун таъин гардидаанд;
   iii) чорабиниҳо оид ба таҳкими иқтидор дар соҳаи ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ, ки аз ҷумла ба масъалаҳои идоракунӣ ва тадқиқоти илмӣ вобастаанд;
   iv) воситаҳои ғайрирасмии додани дониш;
b) иттилоотонии ҷамъият дар бораи хатарҳое, ки ба чунин мерос таҳдид мекунанд, инчунин дар бораи чорабиниҳое, ки барои иҷрои Конвенсияи мазкур анҷом дода мешаванд;
c) мусоидат ба соҳаи маориф оид ба масъалаҳои ҳифзи фазои табиӣ ва ҷойҳои таърихӣ, ки мавҷудияти онҳо барои ифодаи мероси ғайримоддии фарҳангӣ зарур аст.

**Моддаи 15-Иштироки ҷомеаҳо, гурӯҳҳи алоҳида**

Дар доираи фаъолияти худ оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ ҳар як давлати аъзо барои аз рӯи имконият таъмин намудани иштироки васеи ҷомеаҳо, гурӯҳҳо, дар ҳолатҳои дахлдор, шахсони алоҳида, ки ба ташкил, нигаҳдорӣ ва интиқоли чунин мерос саъю кӯшиш намуда, инчунин онҳоро барои идоракунии чунин мерос фаъолона даъват менамояд.

## IV. ҲИФЗИ МЕРОСИ ҒАЙРИМОДДИИ ФАРҲАНГӢ ДАР САТҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Моддаи 16- Рӯихати пешниҳодшавандаи мероси ғайримоддии фарҳангии инсоният**

1. Барои таъмини аёнияти зиёди мероси ғайримоддии фарҳангӣ, мусоидат ба дарки амиқи аҳамияти он ва дастгирии муколама дар асоси эҳтироми гуногунрангии фарҳангӣ, Кумита бо пешниҳоди давлатҳои аъзои дахлдор, Рӯйхати пешниҳодшавандаи мероси ғайримоддии фарҳанги инсониятро тартиб дода, онро аз нав таҳия ва ба табъ мерасонад.
2. Кумита меъёрҳои тартибдиҳӣ, азнавсозӣ ва нашри Рӯйхати пешниҳодшавандаро ҷиҳати тасдиқ ба Ассамблеяи генералӣ пешниҳод менамояд.

**Моддаи 17- Рӯйхати мероси ғайримоддии фарҳангӣ, ки ба ҳифзи фаврӣ эҳтиёҷ доранд**

1. Бо мақсади андешидани чораҳои дахлдори оид ба ҳифз Ассамблеяи генералӣ Кумита Рӯйхати мероси ғайримоддии фарҳангӣ, ки ба ҳифзи фаврӣ эҳтиёҷ доранд, тартиб медиҳад, аз нав месозад ва ба табъ мерасонад ва чунин меросро ба ин Рӯйхат бо хоҳиши давлати аъзои дахлдор шомил мегардонад.
2. Кумита меъёрҳои тартибдиҳӣ, азнавсозӣ ва ба табъ расонидани Рӯхати мазкурро таҳия ва пешниҳод месозад.
3. Дар ҳолатҳои фавқулодда таъҷилӣ будан, меъёрҳои холисона, ки онҳоро Ассамблеяи генералӣ дар асоси пешниҳоди Кумита тасдиқ менамояд, унсури мероси дахлдорро он метавонад дар машварат бо давлати аъзои манфиатдор ба Рӯйхати дар банди 1 зикршуда шомил намояд.

**Моддаи 18 - Барномаҳо, лоиҳаҳо ва чорабиниҳо оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ**

1. Дар асоси таклифҳои аз ҷониби давлатҳои аъзо пешниҳодшаванда, ва мутобиқи меъёрҳои таҳиянамудаи Кумита, ки аз

ҷониби Ассамблеяи генералӣ тасдиқ шудаанд, барои амалисозии барномаҳои миллӣ, фаръии минтақавӣ ва минтақавӣ, лоиҳаҳо ва чорабиниҳо оид ба ҳифзи мерос Кумита интихоби мунтазам мегузаронид, ки барои беҳтар шудани принсипҳо ва мақсадҳои Конвенсияи мазкурро, бо дарназардошти эхтиёҷоти махсуси кишварҳои рӯ ба инкишоф инъикос менамоянд.

2. Бо ин мақсад он дархостҳоро барои расонидани кӯмаки байналмилалӣ, ки аз ҷониби давлатҳои аъзо барои пешниҳоди чунин таклифҳо мухтасаран ифода ёфтааст, қабул, баррасӣ ва тасдиқ менамояд.

3. Кумита амалисозии барномаҳо, лоиҳаҳо ва чорабиниҳои зикршударо тавассути паҳн намудани таҷрибаи шаклан беҳтарин, ки аз ҷониби онҳо муайян карда мешавад, ба роҳ мемонад.

## V.ҲАМКОРӢ ВА КӮМАКИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

### Моддаи 19-Ҳамкорӣ

1. Барои мақсадҳои Конвенсияи мазкур ҳамконрии байналмилалӣ, аз ҷумла инҳоро дар бар мегирад: мубодилаи иттилоот ва таҷриба, ташаббусҳои муштарак, инчунин ташкили механизми расонидани кӯмак ба давлатҳои аъзо ва саъю кӯшишҳои онҳо, ки ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ нигаронида шудаанд.

2. Бе расонидани зарар ба муқаррароти қонунгузории миллии онҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи муқаррарӣ ва амалия давлатҳои аъзо эътироф менамоянд, ки ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ барои инсоният дорои манфиати умум мебошад ва ба ин мақсадонҳо ӯҳдадор мешаванд, ки дар сатҳҳои дуҷониба, фаръии минтақавӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳамкорӣ намоянд.

### Моддаи 20- Мақсади кӯмакҳои байналмилалӣ

Кӯмаки байналмилалӣ бо мақсадҳои зерин метавонад дода шавад:

a) ҳифзи меросе, ки ба Рӯйхати мероси ғайримоддии фарҳангӣ, ки ҳифзи фаврӣ эҳтиёҷ доранд;
b) таҳияи номгӯ дар мазмуни моддаҳои 11 ва 12;
c) дастгирии барномаҳо, лоиҳаҳо ва чорабиниҳо, ки дар сатҳҳои миллӣ, фаръии минтақавӣ ва минтақавӣ анҷом дода мешаванд ва ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ равона гардидаанд;
d) ҳама гуна мақсади дигаре, ки Кумита метавонад зарур шуморад.

### Моддаи 21-Шаклҳои кӯмаки байналмилалӣ

Кӯмаки ба давлати аъзо аз ҷониби Кумита расонидашаванда, тавассути роҳбарии самарабахш, ки дар моддаи 7, инчунин дар созишномаи дар моддаи 24 пешбинишуда, зикр шудааст, ба танзим даровардa мешавад ва он метавонад дар шаклҳои зерин бошад:

a) тадқиқоте, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ҳифз дахл дорад;
b) хизматрасонӣ ба коршиносон ва дорандагони мероси ғайримоддии фарҳангӣ;
c) омодасозии ҳама гуна ҳайати кормандон;
d) таҳияи чораҳои меъёрӣ ва чораҳои дигар;
e) ташкил ва таъмини фаъолияти инфрасохторҳо;
f) пешниҳоди таҷҳизот ва ноу-хау;
g) шаклҳои дигари кӯмаки молиявӣ ва техникӣ, аз ҷумла дар ҳолатҳои муайян, додани вомбаргҳо бо фоизҳои паст ва хайрия.

**Моддаи 22- Шартҳои пешниҳоди кӯмаки байналмилалӣ**

1. Кумита расмиёти баррасии дархостҳоро барои кӯмаки байналмилалӣ муқаррар менамояд ва чунин ҷанбаҳои дархостҳои зикршуда, ба монанди чораҳои пешбинишавандаи барои амал ва баҳодиҳии хароҷоти ба онҳо вобаста зарурро аниқ месозад.
2. Дар ҳолатҳои фаврӣ дархост барои гирифтани кӯмакро Кумита ба таври афзалиятнок баррасӣ менамояд.
3. Бо мақсади қабули қарор Кумита чунин тадқиқотҳо ва машваратҳое мегузаронад, ки онҳоро зарур мешуморад.

**Моддаи 23-Дархостҳо барои кӯмаки байналмилалӣ**

1. Ҳар як давлати аъзо метавонад ба Кумита дархостро барои кӯмаки байналмилалӣ оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ, ки дар қаламрави он қарор дорад, пешниҳод намояд.
2. Чунин дархост метавонад дар якҷоягӣ бо ду ва ё зиёда давлатҳои аъзо пешниҳод карда шавад.
3. Дар дархост иттилооти дар банди 1 моддаи 22 пешбинишуда ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ дохил карда мешаванд.

**Моддаи 24 - Нақши давлатҳои аъзо, ки бенефитсиар мебошанд**

1. Мутобиқи муқаррароти Конвенсияи мазкур кӯмаки байналмилалии пешниҳодшаванда, дар созишномаи байни давлати аъзо, ки бенефитсиар мебошад ва Кумита ба танзим дароварда мешавад.
2. Чун қоидаи умумӣ, давлати аъзо, ки бенефитсиар мебошад, вобаста ба маблағҳои дар ихтиёраш дошта, дар пӯшонидани хароҷоти ба чораҳои ҳифз алоқаманд, ки барои онҳо ҳамчун кӯмаки байналмилалӣ пешниҳод мешавад, иштирок менамояд.

3. Давлати аъзо, ки бенефитсиар мебошад, ба Кумита гузориш дар бораи истифодаи кӯмаки бо мақсади ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ расонидашавандаро пешниҳод менамояд.

## VI. ФОНДИ МЕРОСИ ҒАЙРИМОДДИИ ФАРҲАНГӢ

### Моддаи 25- Хусусият ва захираҳои Фонд

1. Тибқи Конвенсияи мазкур «Фонди мероси ғайримоддии фарҳангӣ» таъсис дода мешавад, ки минбаъд «Фонд» номида мешавад.

2. Ин Фонд мутобиқи Муқаррарот дар бораи маблағҳои ЮНЕСКО фонди мақсаднок мебошад.

3. Воситаҳои Фондро инҳо ташкил медиҳанд:

a) пардохтҳои давлатҳои аъзо;

b) маблағҳои барои ин мақсад ҷудонамудаи Конференсияи генералии ЮНЕСКО;

c) пардохтҳо, хайрия ё амволи васиятшуда, ки аз тарафи инҳо метавонанд дода шаванд:

i) дигар давлатҳо;

ii) ташкилотҳо ва барномаҳои сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ;

iii) мақомоти давлатӣ ё мақомоти хусусӣ ё шахсони алоҳида.

d) ҳама гуна фоизҳои ҳисобкардашуда дар маблағҳои ин Фонд;

e) маблағҳои пардохтҳо ва даромад аз чорабиниҳои ба фоидаи Фонд ташкил кардашуда;

f) ҳама гуна дигар маблағҳои дар Низомномаи дар бораи Фонд пешбинишуда, ки аз тарафи Кумита таҳия гардидааст.

4. Кумита дар бораи истифодаи маблағҳо дар асоси нишондодҳои роҳбарикунандаи Ассамблеяи генералӣ қарор қабул мекунад.

5. Кумита метавонад пардохтҳо ва кӯмакҳоро дар дигар шаклҳои барои мақсадҳои умумӣ ва мушаххас таъингардида, ки ба лоиҳаҳои алоҳида алоқаманданд, ба шарти он ки чунин лоиҳаҳо агар аз тарафи Кумита маъқул доиста шаванд, қабул намояд.

6. Гузаронидани пардохтҳо ба Фонд наметавонад ба ягон шарти сиёсӣ, иқтисодӣ ва шартҳои дигар, ки ба мақсади пешгирифтаи Конвенсияи мазкур мутобиқ нестанд, вобаста карда шавад.

### Моддаи 26- Пардохтҳои давлатҳои аъзо ба Фонд

1. Бе расонидани зарар барои ҳар гуна пардохти иловагии ихтиёрӣ, давлатҳои аъзои Конвенсияи мазкур ӯҳдадоранд, ки ба Фонд ақаллан дар ду сол як маротиба пардохтҳо супоранд, ки маблағи онҳо аз рӯи меъёри фоизи ягонаи нисбати ҳамаи давлатҳо татбиқшаванда ҳисоб карда шуда, аз

ҷониби Ассамблеяи генералӣ муайян мегардад. Қарори Ассамблеяи генералӣ оид ба ин масъала бо овоздиҳии аксарияти дар овоздиҳӣ иштироккунандаи давлатҳои аъзо, ки тибқи муқаррароти дар банди 2 ҳамин модда пешбинигардида дархост накарда буданд, қабул карда мешавад. Ба ҳеҷ ваҷҳ пардохти мазкури давлати аъзо аз 1%-и пардохти он ба буҷети муқаррарии ЮНЕСКО зиёд намебошад.

2. Вале ҳар кадом давлате, ки дар моддаи 31 ё дар моддаи 33 Конвенсияи мазкур зикр шудааст, дар лаҳзаи барои нигоҳдорӣ супоридани тасдиқнома ё ҳуҷҷат дар бораи қабул, тасдиқ ё ҳамроҳшавӣ метавонад дархост намояд, ки он ба муқаррароти банди 1 моддаи мазкур вобаста намебошад.

3. Давлати аъзои Конвенсияи мазкур, ки тибқи муқаррароти пешбининамудаи банди 2 ҳамин модда дархост намудааст, саъю кӯшиши худро ба он равона месозад, ки дархости худро бо огоҳ намудани Директори генералии ЮНЕСКО аз ин хусус бозпас гирад. Вале бозпас гирифтани дархост нисбати пардохте, ки аз ин давлат бояд гирифта шавад, танҳо аз санаи кушодашавии иҷлосияи ояндаи Ассамблеяи генералӣ эътибор пайдо мекунад.

4. Барои он ки Кумита фаъолияти худро самарабахш ба роҳ монад, пардохтҳои давлатҳои аъзои Конвенсияи мазкур, ки тибқи муқаррароти пешбининамудаи банди 2 ҳамин модда дархост карда буданд, бояд ба таври мунтазам, ақаллан дар ду сол як маротиба бояд супорида шуда, аз рӯи имконият ба маблағи пардохтҳое, ки онҳо мебоист дар сурати ба муқаррароти банди 1 ҳамин модда вобаста будан месупурданд, наздик карда шаванд.

5. Ҳар кадом давлати аъзои Конвенсияи мазкур, ки аз рӯи пардохтҳои ҳатмӣ ё ихтиёрии худ барои соли ҷорӣ ва соли тақвимии бевосита пеш аз он буда қарздор аст, наметавонад узви Кумита интихоб гардад; ин муқаррарот нисбати интихоботи аввал татбиқ намегардад. Ваколати чунин давлат, ки аллакай узви Кумита мебошад, дар лаҳзаи фарорасии ҳама гуна интихобот, ки дар моддаи 6 Конвенсияи мазкур пешбинӣ шудааст, ба итмом мерасад.

**Моддаи 27- Пардохтҳои иловагии ихтиёрӣ ба Фонд**

Давлатҳои аъзо, ки хоҳиши супоридани пардохтҳои ихтиёриеро доранд, ки нисбат ба онҳо пардохтҳои дар моддаи 26 пешбинишуда иловагӣ ба шумор мераванд, дар ин бора ҳарчи зудтар ба Кумита бояд иттилоъ диҳанд, то ин ки он фаъолияти худро ба таври дахлдор ба роҳ монад.

**Моддаи 28- Ширкатҳои байналмилалӣ оид ба ҷамъоварии маблағҳо**

Давлатҳои аъзо аз рӯи имконият ба ширкатҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҷамъоварии маблағҳо барои Фонд, ки таҳти сарпарастии ЮНЕСКО ташкил карда мешавад, мадад мерасонанд.

## VII. ГУЗОРИШҲОИ ҲИСОБОТӢ

**Моддаи 29-Гузоришҳои давлатҳои аъзо**

Давлатҳои аъзо дар шакл ва давраи муайяннамудаи Кумита, дар бораи муқарраротҳои қонунгузорӣ ва танзимкунанда ё дигар чораҳои аз ҷониби онҳо бо мақсади иҷрои Конвенсияи мазкур пешбинишуда, ба Кумита гузоришҳо пешниҳод менамоянд.

**Моддаи 30 - Гузоришҳои Кумита**

1. Кумита дар ҳар як иҷлосияи Ассамблеяи генералӣ гузориш пешниҳод менамояд, ки он дар асоси фаъолияташ ва гузоришҳои давлатҳои аъзои дар моддаи 29 зикршуда таҳия мегардад.
2. Ин гузориш ба маълумоти Конференсияи генералии ЮНЕСКО расонида мешавад.

## VIII. МУҚАРРАРОТИ ГУЗАРАНДА

**Моддаи 31-Робита бо эълон намудани шоҳкориҳои шифоҳӣ ва мероси ғайримоддии фарҳангӣ**

1. Кумита ба Рӯйхати пешниҳодшавандаи мероси ғайримоддии фарҳангии инсоният шоҳкориҳои мероси шифоҳӣ ва ғайримоддии инсониятро, ки то эътибор пайдо кардани Конвенсияи мазкур эълон гардидаанд, дохил менамояд.
2. Дохил намудани шоҳкориҳои мазкур ба Рӯйхати пешниҳодшавандаи мероси ғайримоддии фарҳангии инсоният ба ҳеҷ ваҷҳ меъёрҳои мутобиқи банди 2 моддаи 16 муқарраршавандаро, ки барои дар оянда дохил кардан мувофиқ аст, пешакӣ муайян намесозад.
3. Пас аз эътибор пайдо кардани Конвенсияи мазкур барои эълон намудан ягон кор гузаронида намешавад.

## IX. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 32- Баимзорасонӣ, қабул ва тасдиқ**

1. Конвенсияи мазкур аз ҷониби давлатҳои аъзои ЮНЕСКО бо тартиби пешбининамудаи расмиёти конститутсионии дахлдор ба имзо расида, қабул ва тасдиқ карда мешавад.

2. Тасдиқномаҳо, ҳуҷҷатҳо дар бораи қабул ва тасдиқ барои нигаҳдорӣ ба Директори генералии ЮНЕСКО супорида мешаванд.

**Моддаи 33-Ҳамроҳшавӣ**

1. Конвенсияи мазкур барои ҳамроҳшавии ҳамаи давлатҳое, ки аъзои ЮНЕСКО намебошанд ва Конференсияи генералии Ташкилот барои ҳамроҳшавӣ ба ин Конвенсия онҳоро пешниҳод менамояд, ҷиҳати ҳамроҳшавӣ кушода аст.

2. Конвенсияи мазкур инчунин барои ҳамроҳшавии ҳудудҳое, ки дорои худидораи комили дохилӣ буда, аслан аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид эътироф гардида, вале мутобиқи Резолютсияи Асамблеяи генералии СММ 1514 (XV) истиқлолияти пурра ба даст наовардаанд ва дар масъалаҳои танзимкунандаи Конвенсияи мазкур, аз ҷумла салоҳият оид ба бастани шартномаҳо, ки ба чунин масъала дахл доранд, барои ҳамроҳшавӣ кушода аст.

3. Ҳуҷҷат дар бораи ҳамроҳшавӣ барои нигаҳдорӣ ба Директори генералии ЮНЕСКО супорида мешаванд.

**Моддаи 34- Эътибор пайдо кардан**

Конвенсияи мазкур баъд аз се моҳи аз рӯзи барои нигаҳдорӣ супурдани тасдиқномаи сиюм ё ҳуҷҷат дар бораи қабул, тасдиқ ё ҳамроҳшавӣ эътибор пайдо мекунад, вале танҳо нисбати он давлатҳое, ки барои нигаҳдорӣ тасдиқномаҳо ё ҳуҷҷатҳои худро дар бораи қабул, тасдиқ ё ҳамроҳшавӣ дар ҳамон рӯз ё пештар супоридаанд. Нисбати ҳама гуна дигар давлати аъзо Конвенсия баъд аз се моҳ аз рӯзи барои нигаҳдорӣ супоридани тасдиқнома ё ҳуҷҷатҳо дар бораи қабул, тасдиқ ё ҳамроҳшавӣ эътибор пайдо мекунад.

**Моддаи 35- Системаҳои федеративӣ ё ғайриунитарии конститутсионӣ**

Муқаррароти зерин нисбати давлатҳои аъзо, ки сохти федеративӣ ё ғайриунитарии конститутсионӣ доранд, татбиқ карда мешаванд:

a) оид ба муқаррароте, ки ба Конвенсияи мазкур дахл дошта, истифодаи онҳо ба ваколати ҳокимияти қонунгузории федералӣ вобаста буда, ӯҳдадориҳои ҳукумати федералӣ ва марказӣ айнан чун ӯҳдадориҳои давлатҳои аъзо, ки давлатҳои федеративӣ нестанд, мебошанд;
b) оид ба муқаррароте, ки ба Конвенсияи мазкур дахл дошта, истифодаи онҳо ба ваколати штатҳои алоҳидаи ба федератсия дохилбуда, вилоятҳо,

музофотҳо ё кантонҳо, ки мутобиқи системаи конститутсионалии дар он мавҷуда вобаста буда, ба андешидани чораҳои қонунгузорӣ ӯҳдадор нестанд, ҳукумати федералӣ муқаррароти мазкурро ба маълумоти ҳокимияти салоҳиятдори штатҳо, вилоятҳо, музофотҳо ё кантонҳо бо тавсияҳо дар хусуси қабули онҳо мерасонад.

**Моддаи 36-Бекор кардан**

1. Ҳар як давлати аъзо метавонад Конвенсияи мазкурро бекор кунад.
2. Бекор кардан бо санади хаттӣ эълон карда шуда, он барои нигаҳдорӣ ба Директори генералии ЮНЕСКО супорида мешавад.
3. Бекор кардан баъд аз гузаштани дувоздаҳ моҳ пас аз санаи гирифтани санад дар хусуси бекоркунӣ эътибор пайдо мекунад. Он ба ҳеҷ ваҷҳ ӯҳдадориҳои молиявиро, ки ба худ давлати аъзои бекоркунанда қабул менамояд, то санаи эътибор пайдо кардани хориҷшавӣ аз Конвенсия, тағйир намедиҳад.

**Моддаи 37-Вазифаҳои маҳфуздоранда**

Директори генералии ЮНЕСКО, ҳангоми ба сифати маҳфуздорандаи Конвенсияи мазкур баромад кардан, давлатҳои аъзои Ташкилотро, ки аъзои Ташкилоти дар моддаи 33 зикршуда, инчунин аъзои Созмони Милали Муттаҳид нестанд, дар хусуси супоридани тамоми тасдиқномаҳо, ҳуҷҷатҳо дар бораи қабул, тасдиқ ё ҳамроҳшавӣ, ки дар моддаҳои 32 ва 33, инчунин дар бораи бекоркунӣ, ки дар моддаи 36 зикр ёфтаанд, иттилоъ месозад.

**Моддаи 38- Тасҳеҳот**

1. Давлати аъзо метавонад тавассути иттилои хаттӣ, ки ба Директори генералии ЮНЕСКО ирсол шудааст, тасҳеҳотро барои ворид намудан ба Конвенсияи мазкур пешниҳод намояд. Директори генералӣ чунин иттилоъро ба тамоми давлатҳои аъзо мефиристад. Агар дар давоми шаш моҳ аз санаи ирсоли иттилои мазкур давлатҳои аъзо барои ин пешниҳод ҷавобҳои мусбат фиристанд, Директори генералӣ онҳоро ба иҷлосияи навбатии Ассамблеяи генералӣ барои баррасӣ ва имконияти қабул кардан пешниҳод менамояд.
2. Тасҳеҳот бо овоздиҳии аз се ду ҳиссаи ҳозирин ва иштирокчиёни давлатҳои аъзо қабул карда мешавад.
3. Тасҳеҳот ба Конвенсияи мазкур баъд аз қабул кардани онҳо аз ҷониби давлатҳои аъзо тасдиқ, қабул, тасвиб ё ҳамроҳ карда мешавад.
4. Тасҳеҳот танҳо нисбати давлатҳое, ки ин онро ба Конвенсияи мазкур тасвиб, қабул ва тасдиқ кардаанд, ё ба онҳо пас аз се моҳи барои нигаҳдорӣ додани ҳуҷҷатҳои дар банди 3 моддаи зикршуда, аз ҷониби аз се

ду ҳиссаи давлатҳои аъзо ҳамроҳ шудаанд, эътибор пайдо мекунад. Минбаъд барои ҳар кадом давлати аъзо, ки тасҳеҳотро тасвиб, қабул ё онро ҳамроҳ мекунад, тасҳеҳоти мазкур баъд аз се моҳи аз рӯзи барои нигаҳдорӣ супоридани ҳуҷҷати он дар бораи тасдиқ, тасвиб, қабул ё ҳамроҳшавӣ аз ҷониби давлати аъзо эътибор пайдо мекунад.

5. Расмиёти дар бандҳои 3 ва 4 муқарраршуда, нисбати тасҳеҳоти ба моддаи 5 воридшаванда, ки ба шумораи давлатҳои аъзои Кумита дахл доранд, татбиқ карда намешавад.

6. Давлате, ки узви Конвенсияи мазкур мегардад, пас аз эътибор пайдо кардани тасҳеҳот мутобиқи банди 4 моддаи мазкур, агар он дар бораи нияти дигар дархост накунад, ҳамчун:

a) узви Конвенсияи мазкур бо тасҳеҳоти ба он қабулшуда;

b) узви Конвенсияи мазкур бидуни қабули тасҳеҳот ба он нисбати ҳама гуна давлатҳои аъзо, ки ба ин тасҳеҳот алоқаманд нестанд, ҳисобида мешавад.

## Моддаи 39- Мутобиқати матнҳо

Конвенсияи мазкур ба забонҳои англисӣ, арабӣ, испанӣ, хитоӣ, русӣ ва франсузӣ таҳия гардида, ҳамаи шаш матн эътибори яксон доранд.

## Моддаи 40-Бақайдгирӣ

Мутобиқи моддаи 102 Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид Конвенсияи мазкур дар Котиботи Созмони Милали Муттаҳид бо дархости Директори генералии ЮНЕСКО ба қайд гирифта мешавад.

26 ноября 2003

**Арзномаи Ҳайати котибон**

**КОНВЕНСИЯ ОИД БА ҲИФЗИ МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ ҒАЙРИМОДДӢ**

ИСЛОҲ

*Номи Конвенсия*

Аз номи Конвенсия калимаи «Байналмилалӣ» гирифта шуда, он ба таври зерин тавсия карда шавад:

«Конвенсия оид ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ»

*Банди дуюми Сарсухан, ки бо калимаҳои «бо назардошти» сар мешавад*

Ин банд ба таври зерин тасвия карда шавад:

«*бо назардошти* аҳамияти зиёди мероси фарҳангии ғайримоддӣ ҳамчун омили таъмини гуногунрангии фарҳангӣ ва гарави инкишофи устувор, ки дар тавсияномаи ЮНЕСКО оид ба нигаҳдории фолклор аз с. 1989, дар Эъломияи умумии ЮНЕСКО оид ба гуногунрангии фарҳангӣ аз с. 2001 ва Эъломияи Истамбул аз с. 2002, ки дар вохӯрии сеюми вазирони фарҳанг дар гирди мизи мудаввар қабул шудааст, таъкид карда мешавад...».

Моддаи 36 – Денонсатсия (бекор кардан), банди 3

Ҷумлаи дуюми ин банд ба таври зерин тасвия карда шавад:

«Он ба ҳеҷ ваҷҳ уҳдадориҳои молиявиеро, ки давлатӣ иштироккунандаи денонсатсиякунанда бояд то санаи ба ҳукми қонун даромадани баромадан аз ин Конвенсия иҷро кунад, дигаргун намекунад».